«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳушвахтзода К.Х. ________________________
«___» ______________ с. 2022

# ХУЛОСАИ
## маҷлиси муштараки кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оид ба мубрамият ва аҳамиятнокии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси № 8 аз 31-уми марти соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Мирзозода Парвон Зайналобудин соли 2002 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси байналмилалӣ хатм намуда, аз соли 2006 то ҳол дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад. Соли 2012 рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Ҷавобгарии ғайришартномавии давлат барои расонидани зарар ба соҳибкорон» дифоъ намудааст. Аз соли 2013 ба таҳқиқоти рисолаи докторӣ дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол,

кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» машғул аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Роҳбари илмӣ – Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Мубрамии мавзӯи таҳқиқот. Дар шароити муосири иқтисодӣ объектҳои нави танзими ҳуқуқи гражданӣ ба вуҷуд омадаанд, вале сифати теъдоди зиёди онҳо пурра ба талаботҳои ҷойдошта ҷавобгӯй нестанд. Баъзе соҳибкорон барои расидан ба ҳадафҳои ниҳои худ ба талаботҳои техникӣ ё талаботҳои харидор (фармоишгар), вобаста ба сифати мол, кор ва хизмат беэътиноӣ зоҳир менамоянд.

Ҳамзамон таъмини сифати мол (кору хизмат) яке аз вазифаҳои мақомотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ буда, назорати қатъии риояи меъёрҳои мансуб ба сифати объектҳои зикршуда, яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо мебошад. Ин самти кор баҳри рӯзгори обод ва қаноатмандии аҳолӣ аз моли (кору хизмати) харидааш (фармудааш), бояд доимо такмил дода шавад.

Дар сурати ба талаботҳои сифатнокӣ ҷавобгӯй набудани мол (кору хизмат) бояд аз ҷониби фурӯшанда (иҷрокунанда) баргардонидани маблағ ё иваз намудани онро ба моли дигари босифат таъмин карда шавад. Кафолати сифати мол, кору хизмат ҳамон вақт эътибори калони иҷтимоӣ пайдо мекунад, агар иҷрои дахлдори он таъмин карда шавад. Дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номуносиби чунин уҳдадории субъективӣ бояд чораҳои муҷозотӣ андешида шаванд.

Қайд намудан лозим аст, ки инкишофи муносибатҳои молию пулӣ дар Тоҷикистон боздиди сиёсати давлатиро нисбати низоми талаботҳои ҳатмӣ ба сифати мол, кору хизмат тақозо дорад. Таҳлилҳои муносибатҳои молу мулкӣ нишон дод, ки низоми то айни замон мавҷуд буда, пурра рақобатпазирии худро нишон дода натавонист, чунки дар он талаботҳои нави истеҳсолӣ, техникӣ ва технологӣ пурра ҷой надоранд. Баҳри риояи ҳуқуқҳои граждании соҳибкор ва дигар иштирокчиёни муомилоти молӣ монеаҳои техникӣ пурра бартараф нашуданд. Дар натиҷаи ислоҳоти нокифояи низоми идоракунии сифат чи дар бахши давлатӣ ва чи дар бахши хусусӣ, баъзе соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ самаранок намебошанд. Низоми идоракунии сифат ва сертификати мутобиқати мол, кор ва хизмат ба талаботҳои техникӣ барои соҳибкории байналмилалӣ мусоидат намекунад. Ҳуҷҷатҳои аудити сифат дар савдои беруна пурра эътироф карда намешаванд.

Ҳамин тавр, ба навсозӣ ва рушди инноватсионии танзими сифат дар иқтисодиёти миллӣ эҳтиёҷот ба вуҷуд омад. Қабули қонунҳои соҳаи танзими техникӣ, хизматрасониҳои баҳодиҳии мутобиқат ва назорати савдо, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври пурра натавонистанд ҷиҳатҳои муҳими таъмини ҳуқуқи харидоронро ба моли (кору хизмати) сифатнок инъикос ва танзим намоянд. То ба охир афзалиятҳои дастгирии давлатӣ, додани имтиёзҳо, ба таври созиш ва худтанзимкунӣ ҳалли масъалаҳои сифати мол, кору хизмат, самаранок истифода нашудаанд. Дар робитаҳои бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ сертификатсияи ихтиёрӣ ва аҳамияти он пурра дарк карда нашудааст.

Дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2017, вобаста ба масъалаи мазкур қайд намуданд, теъдоди зиёди бозичаҳои гуногуни воридшуда ба талаботи сифатнокӣ мутобиқ нестанд. Дар Паёми соли 2018 бошад, доир ба масъалаҳои пастсифат будани

маводи доруворӣ ва сатҳи пасти хизматрасонии тиббӣ изҳори нигаронӣ карда буданд.

Дар зербоби 5. 1 боби 5 Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 мушкилоти таъмини сифати мол (кору хизмат) дарҷ гардидааст. Аз ҷумла дар бахши воқеӣ яке аз мушкилоти махсус дар соҳаи саноат сифати пасти маҳсулот, ки сатҳи номусоиди рақобатпазирии онро пешакӣ муайян мекунад, номбар гардидааст.

Дар банди 39 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018 – 2028, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 6 – уми феврали соли 2018, таҳти № 1005, тасдиқ шудааст, муқаррар гардидааст, ки «бо рушди мавқеи инсон дар ҳама соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, талабот ба танзими ҳуқуқи гражданӣ зиёд мегардад».

Механизми ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, аз ҷумла ҳуқуқ ба сифати мол, кору хизмат ба навсозӣ ниёз дорад, ки бояд махсус ҳангоми таҳияи таҳрири нави КГ ҶТ ва такмили қонунгузорӣ ба назар гирифта шаванд. Ҳолатҳои баёнгардида мубрамии мавзӯи диссертатсияро муайян намуда, барои интихоби он замина гузоштааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳуқуқи гражданӣ нахустин маротиба пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ масъалаҳои назария ва амалияи танзими сифати мол, кору хизмат дар танзими ҳуқуқи гражданӣ таҷдиди назар шудааст.

Натиҷаҳои илмии дар кор бадастомада фаҳмиши назариявиро дар соҳаи мазкур васеъ мекунад ва имконият медиҳад, ки масъалаҳои нави ба проблемаҳои ҳуқуқии сифати мол, кору хизмат алоқамандро ҳал карда шаванд. Чунин меҳисобем, ки татбиқи назариявӣ ва амалии донишҳои пайдошуда ба танзими муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣи ба сифати мол, кору хизмат иртиботдошта, таъсири мусбӣ мерасонанд.

**Диссертант мақсади таҳқиқоти рисолаи илмиро дар** ба даст овардан ва татбиқ намудани дониши нав дар танзими ҳуқуқии сифати мол, кор ва

хизмат, асосноккунии илмию амалии пешниҳодҳо бахри бартараф намудани норасоӣ дар қонунгузории миллӣ, инчунин ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас бо истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад.

Вазифаҳои таҳқиқоти мазкур аибра аз:

– тавсифи умумии хосиятҳои мол, кор ва хизмат ҳамчун объектҳои муҳими танзими ҳуқуқи гражданӣ;

– муайян намудани моҳияти истилоҳи сифати мол, кор ва хизмат;

– таҳқиқи кафолатҳои сифати мол, кор ва хизмат;

– таҳлили тарзҳои алоҳидаи таъмини сифати мол, кор ва хизмат;

– муайян намудани робитаи танзими техникии сифати мол, кор ва хизмат бо танзими ҳуқуқи гражданӣ;

– омӯзиши тарзҳои шартномавии танзими сифати мол, кор ва хизмат;

– таҳқиқи табиати ҳуқуқии стандартонӣ, аккредитатсия, аудити сифати мол ва дигар тарзҳои танзими техникӣ;

– таҳлили воситаҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба сифати мол, кор ва хизмат;

– муайян намудани асос ва шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи ҳатмӣ оид ба сифати мол, кор ва хизмат;

– таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар соҳаи танзими сифати мол, кор ва хизмат.

**Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии** дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин таҷрибаи давлатҳои алоҳида дар самти танзими ҳуқуқии сифати мол, кору хизмат дар ҶТ, исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузоштташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзӯи илмиаш муаллифи 49 асари илмӣ ва таълимӣ буда, ба теъдоди асарҳои калонҳаҷм 2 монография, 5 китоби дарсӣ, 1 васоити таълимӣ ва 2 тафсири илмию амалии қонунҳои соҳавӣ ворид намудан мумкин аст. Унвонҷӯй муаллифи 27 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ва дигар мақолаҳо буда, ҳаҷми умумии асарҳои ӯ зиёда аз 100 ҷузъи чопӣ мебошанд.

Диссертатсияи мазкур давоми солҳои 2021 – 2022 якчанд маротиба дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокимашуда ва баъдан ба ҳимоя дар шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди донишгоҳ тавсия шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзӯи интихобнамудааш ҳамасола дар конференсияҳои апрелии ҷумҳуриявӣ, дар конференсияҳои байналмиллалӣ, семинарҳои илмии сатҳи гуногун ва дигар чорабиниҳои илмӣ баромад намуда, инчунин дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии ҶТ фаъолона иштирок намудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар чунин ҳамоишҳои илмӣ баён карда шудаанд:

– «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии инноватсия дар фаъолияти соҳибкорӣ», конференсияи байналмилалии илмию амалӣ, ш. Душанбе, ДМТ, 10 – уми июни соли 2014;

– «Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», конференсияи ҷумҳурия-вии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, ДМТ, 22 – юми октябри соли 2015

– Форуми дуюми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, 3 – юми ноябри соли 2016;

– «Низоми миллӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил: таҳлили тамоил ва инкишоф»,

конференсияи байналмилалии илмию амалӣ, ш. Душанбе, Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, 31 – уми октябри соли 2017;

– «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», конференсияи байналмилалии илмию амалӣ, ш. Душанбе, ДМТ, 18 – уми майи соли 2018;

– Форуми чоруми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, 2 – уми ноябри соли 2018;

– «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ», бахшида ба «25 – солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70 – солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», конференсияи байналмилалии илмию амалӣ, ш. Душанбе, ДМТ, 30 – уми октябри соли 2019;

– «Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ, ш. Душанбе, ДМТ, 8 – уми октябри соли 2020;

– «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ», конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ, ш. Душанбе, ДМТ, 7 – уми октябри соли 2021;

– «Сивилистика: анъанаҳо, ҳолати кунунӣ ва рушди минбаъда», конференсияи илмию амалии байналмилалӣ, ш. Қазон, ФР, 29 – уми апрели соли 2022 ва дигар чорабиниҳои илмӣ.

**Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси** 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 № 7 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсияи Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Парвон Зайналобидин дар мавзуи Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» таҳқиқоти илмӣ соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.
2. Диссертатсияи дар мавзуи Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзуи Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки

кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 17-уми сентябри соли 2022, таҳти №38/1.

Раиси маҷлиси муштарак:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.

Котиби маҷлиси муштарак:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонов Қ.Б.

Муқарризи №1:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ,
профессори кафедраи ҳуқуқи граждании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қурбонов Қ.Ш.

Муқарризи №2:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, мудири кафедраи
ҳуқуқи байналмилалӣ ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии
Донишгоҳи славянии
Тоҷикистону Россия Имомова Н.М.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

«08» октябри соли 2022